**Тақризи**

роҳбари илмӣ доир ба рисолаи номзадии унвонҷӯ Ҷумъабой Зарифӣ дар мавзуи «Биоморфология ва таркиби сенопопулятсияи *Inula macrophylla* Kar. et Kir. дар шароити гуногуни экологии Тоҷикистони Ҷанубӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биология, аз рӯйи ихтисоси 03.02.01- ботаника.

Ҷумъабой Зарифӣ, баъди хатми факултети биологияи Доишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (2016) ба шуъбаи аспирантураи Институти ботаника, физиология ва генетикаи растанӣ Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳайси аспиранти шуъбаи рӯзона, фармони №108 аз 23.11.2016 дохил шуда, то 11.11.2019, №124 ш. Душанбе таҳсил намудааст. Ҳамзамон аз сентябри соли 2017 ба вазифаи ассистенти кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садридди Айнӣ фаъолият намуд, соли 2021 корҳои илмии худро бомуваффақият ҷамъбаст намудааст.

Ҷумъабой Зарифӣ аз соли 2020 инҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ фаъолият менамояд. Ӯ дар давраи донишҷӯӣ шахси фаъол ва илмдӯст буда, ҳамеша дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ иштирок менамуд. Бо шавқу рағбати калон дар корҳои ҷамъиятӣ ва илмии факултети биологияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ фаъолона ширкат меварзад.

Дар давраи унвонҷӯиаш дар муддати солҳои 2016- 2019 дар саҳро ва озмоишгоҳ роҳу усулҳои гузаронидани таҳқиқотҳои морфологӣ, ташаккулёбии биоморфологии растании чоқлаи калонбарг (*Inula macrofilla Kar.* et Kir.), инчунин муайян намудани давраҳои онтогенез, тағйирёбии синну соли фардҳо дар давраҳои гуногуни ҳаётии он, дар шароити гуногуни экологӣ таъғир ёфтани сохтори каудекси фард, тағйир ёфтани таркиби сенопопулятсия дар ҷамоаи гуногуни типи набототи нимсаванна ва шибляк, ҳосилокии алафзори он дар ҷамоаи гуногун ба хубӣ аз худ намудааст, бо корҳои илмии соҳаи ботаника ва таъсири омилҳои экологӣ ба растаниҳо хуб шинос мебошад. Аспират аз уҳдаи мустақилона гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ, таҳлили илмии натиҷаҳои бадастовардааш ба хубӣ мебарояд. Ҷумъабой Зарифӣ дар раванди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ маҳорату малакаи хуб нишон дода, ба натиҷаҳои назаррасы илмӣ ноил гардидааст ва бештар аз 12 мақолаи илмиро чоп намудааст.

Дар давоми солҳои 2016–2019 Ҷумъабой Зарифӣ биоморфологии чоқлаи калонбаргро дар мавзеъҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ омӯхта, натиҷаҳои пурарзиши илмиро ба даст овардааст. Дар натиҷаи иҷрои кори илмӣ-таҳқиқотӣ Ҷумъабой Зарифӣ дар рисолааш бори аввал маводҳои илмиро дар мавзуи «Биоморфология ва таркиби сенопопулятсияи *Inula macrofilla Kar.* et Kir. дар шароити гуногуни экологии Тоҷикистони Ҷанубӣ» пешниҳод намудааст.

Нуқтаҳои асосии рисола дар маводҳои илмии нашрнамудаи муаллиф дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилаллӣ инъикос гардидаанд. Бояд қайд намуд, ки рисолаи илмии вай бо забони тоҷикӣ омода гардида, баҳри пешрафти илми ботаника (морфология)-и муосир дар кишварамон нақши арзишманд дорад.

Ҷумъабой Зарифӣ аз уҳдаи таҳлили адабиёти ҷаҳонӣ доир ба мавзуъ, ҳалли мақсаду вазифаҳои гузошташуда ва иншои рисолаи илмӣ ба хубӣ баромадааст.

Ғайр аз ин қайд кардан бомаврид аст, ки дар давоми фаъолияти илмиаш ӯ боз бо корҳои педагогӣ (гузаронидани лексия ва корҳои амалӣ доири морфология, анатомия, систематика ва экологияи растаниҳо) низ машғул буда, аз уҳдаи идора намудани аудитория ҳангоми гузаронидани дарсҳои омӯзишӣ ва амалӣ ба хубӣ мебарояд.

Ҳамаи натиҷаҳои илмӣ ва омӯзгории ба даст овардаи унвонҷӯ Ҷумъабой Зарифиро ба инобат гирифта, қайд менамоям, ки вай муаллифи рисолаи илмӣ дар мавзуи «Биоморфология ва таркиби сенопулятсияи *Inula macrophylla Kar.* et Kir. дар шароити гуногуни экологии Тоҷикистони Ҷанубӣ» буда, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – ботаника мебошад.

**Роҳбари илмӣ:** д.и.б., дотсент,
иҷоркунандаи вазифаи
профессори кафедраи ботаникаи ДМТ /____________/ Раҳимов Сафарбек

734025.Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ-17.
Тел: (992-372) 21-77-11; Факс: (992-372) 21-77-11
Тел мобили: 8-907946040
E-mail: tgnu@mail.tg;safarbek47@mail.ru

Имзои С. Раҳимовро тасдиқ менамоям,
сардори раёсати кадр
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

28.03.2024